**Протоколи №4**
**ҷаласаи васеъи Шурои олимони факултети техникӣ ва технологии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

аз 26.11.2022 с. ш. Бохтар

**Иштирок карданд:**

**Аъзоёни ШО-и факултет:** *Муродзода Ф.Р. – номзади илмҳои физика-математика, дотсент, раис; Муродов С.Д. – омӯзгор, котиб; Абдуллоев С.С. – номзади илмҳои техникӣ, дотсент; Холов Н.Ш. – номзади илмҳои техникӣ; Исломов С. – номзади илмҳои техникӣ, дотсент; Боев С.Г. – номзади илмҳои педагогӣ; Алламуродов Б.Н. – номзади илмҳои педагогӣ; Рузимуродов А.А. – номзади илмҳои техникӣ; омӯзгорон: Қурбонов Н.С., Фақиров Ч.Ҳ., Бобокалов Н.Р., Наҷмиддинов Д.И., Ҷалолзода Д., Абдураҳмонов Д.М., Абдурозиқов Э., Саидов А.Р.,Сафарова Н.Г., Нурматова Ғ., Рауфов С.Г., Зубайдов М., Қурбонов А.Н., Набиев А.П., Каримов С.Н., Шоназаров Р. С., Холов Д.А., Авезов З.М., Ҷонмаҳмадов И.Т.*

***Даъватшудагон:*** *Файзализода Б. Ф. доктори илмҳои педагогӣ, профессор, декани факултети «Информатика», МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав»; Холмуродзода М. номзади илмҳои педагогӣ, декани факултети «Физика»; Абдураҳимов А.О. номзади илмҳои физика математика, мудири кафедраи «Системаи автоматикунонидашудаи коркарди ахборот ва шабакаи алоқа»; Маҳмадалиев Ҳ.С. номзади илмҳои физика - математика, мудири кафедраи «Технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатика»; Ойматова Ҳ.Х. номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, ҷонишини декани факултети «Физика» оид ба таълим; Турғунбоев М.Т. номзади илмҳои техникӣ, мудири кафедраи «Физикаи умумӣ»; Сафаров Ш.Г. номзади илмҳои техникӣ, омӯзгори кафедраи «Физикаи умумӣ»; Гулаев И.Х. номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи «Методикаи таълими физика», Бубиев М.Ч. номзади илмҳои педагогӣ, саромӯзгори кафедраи «Методикаи таълими физика».*

**Рӯзнома**:

Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи «Методикаи таълими технология»-и ДДБ ба номи Носири Хусрав Маҳмадалиев Эраҷ Шукурллоевич дар мавзӯи «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорониояндаи фанни технология (таълими меҳнат)».

**Роҳбари илмӣ**: Сатторов Абдурасул Эшбекович - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав»

**Муқарризон:**

**Зувайдуллозода Ф.З.** номзади илмҳои педагогӣ, муовини ректор оид ба таълим, идораи сифати таҳсилот ва мобилияти академии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон;

**Ризоев С.Ғ.** номзади илмҳои техникӣ, мудири кафедраи физикаи умумӣ ва электроникаи Донишгоҳи давлатии Данғара, дотсент.

**ШУНИДА ШУД:**

Ҷаласа тахти раёсати Муродов Файзиддин Рамазонович – номзади илмҳои физика - математика, декани факултети техникӣ ва технологии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав гузашт.

Аз рӯйи масъалаи мазкур унвонҷӯи ДДБ ба номи Носири Хусрав Маҳмадалиев Э. Ш. гузориш дода, мазмуну мӯҳтавои рисолаи номзадиашро дар шакли фишурда ба аҳли нишаст пешниҳод намуд:

Ҳозирини гиромӣ, рисолаи таҳқиқотие, ки мавриди муҳокимаи Шумо пешниҳод мегардад, ба мавзӯи «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат)» бахшида шуда, аз муқаддима, ду боб, хулосаҳои умумӣ ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои таҳсилоти олии касбии техникӣ манбаи асосии омодакунии мутахассисони соҳаи техникӣ (муҳандис, баркчӣ, техник-барномасоз ва ғ.) ба ҳисоб меравад. Айни ҳол дар истеҳсолоти ҷумҳурӣ норасоии мутахассисони соҳаи энергетика ва системаҳои идоракунии автоматикунонидашуда ба мушоҳида мерасад. Бо мақсади бартараф кардани ин норасоӣ ва тақвият бахшидани пойгоҳи назариявӣ ва амалии ин самт, яъне коркарди асосҳои назариявӣ ва ташаккули салоҳиятҳои касбии омодакунонии омӯзгорони ояндаи фанни технология, мо таълими конвергентии технологияи иттилоотӣ ва технологияи касбиро мутобиқ ба шароити Ҷумҳурии Точикистонро пешниҳод намудем. Моҳияти чунин таълим аз хусусиятҳои ҳамоҳангӣ ва пай дар пай фаъолият намудани технологияҳо иборат буда, роҳ ва усулҳои истифодабарии таҷҳизотҳоро дар бар мегирад.

Маърӯзачӣ зикр намуд, ки вазифаи асосии омӯзиши ҳар як фанни таълимӣ - ин пеш аз ҳама дар хонандагон ташаккул додани мафҳумҳои асосии он мебошад. Донишҳои технологӣ – ин омили дуюм дар иқтисодиёти муосир, ки сатҳи самаранокии меҳнатро муайян мекунад. Ин дониш дар бораи роҳҳои беҳтарини истеҳсоли мол ва хизматрасониҳо мебошад.

Мазмуни таҳқиқот аз муайянкунӣ ва коркарди асосҳои назариявӣ ва методии таълими конвергентии технологияи иттилоотӣ ва технологияи касбӣ барои омодакунии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) дар МТОК ҶТ иборат аст. Ҳадафи таҳқиқот аз асосноккунии назариявӣ ва таҳияи усулҳои ташаккули маҳорати касбии омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат) иборат буда, истифодаи технологияи муосирро дарбар мегирад.

Дар натиҷаи таҳлили илмӣ-методӣ ва озмоишҳои педагогии таълими конвергентии технологияи касбӣ (таълими меҳнат) ва технологияи иттилоотӣ муайян гардид, ки тафаккури илмии донишҷӯён нисбат ба технологияҳои муосир сайқал ёфта, ташаккули шаклҳои ҷадиди технологияҳо низ аз эҳтимол дур нест. Таҷрибаи таҳқиқотӣ муайян намуд,

ки шиносоӣ, азхудкунӣ ва дастрасӣ ба чунин технологияҳо танҳо ба воситаи воридкунии таълими муосири гуногунҷабҳа ба даст меоянд. Аз ин рӯ, мусаллам аст, ки раванди омӯзиши чунин таълим соҳаҳои истеҳсолиро тақвият бахшида, онро ҳамчун самти муҳимми таълим муаррифӣ хоҳад кард.

***Навгониҳои илмии таҳқиқот:***

- методҳои ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯён дар асоси низоми супоришҳои тавсифи техникидошта муайян карда шуданд;
- принсипҳои низоми супоришҳо ҷиҳати инкишофи тамоюли техникии донишҷӯён ба мақсади омодакунии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) таҳия карда шуданд;
- маҷмуи супоришҳо ҳангоми таълими конвергентии технологияи иттилоотӣ ва технологияи касбӣ барои омӯзгорониояндаи фанни технология (таълими меҳнат) таҳия карда шуданд;
- амсиласозии компютерӣ мутобиқ ба методологияи таълими конвергентии фанни технологияи иттилоотӣ ва технологияи касбӣ дар раванди омӯзиши истифодаи таҷҳизоти муосир мушаххас карда шуд;
- вобаста бо тағйирёбии шакли таълим, роҳҳои коркарди барномаҳои мушаххаси таълимӣ дар асоси методҳои азхудкунӣ ва истифодаи технологияҳои муосир ҳангоми таълими конвергентии тенология (таълими меҳнат) ва ТИ муайян карда шуданд;
- бо дарназардошти муносибатҳои бозоргонӣ роҳҳои дар донишҷӯён ташаккул додани маҳорати баланди салоҳиятҳои касбӣ, омодагӣ ба қабули қарорҳои мустақилона, тавоноии дифои мавқеъ ва нуқтаи назари худ, масъулият дар бобати натиҷа ва ҳалли фаъолиятҳои касбии омӯзгори фанни технология мушаххас карда шуданд.

*Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия:*

1. таҳияи роҳҳои ташаккули маҳорату малакаи омӯзгорониояндаи фанни технология дар асоси таълими конвергентии фанни технологияи иттилоотӣ ва технологияи касбӣ, дар низоми таҳсилоти олӣ, ки бо истифодаи маҷмуи супоришҳои тестӣ асос ёфтааст;
2. коркарди маҷмуи супоришҳои тестӣ, ки воситаи дидактикии ташаккули маҳорату малакаи касбии донишҷӯён – омӯзгорони оянда ба ҳисоб меравад: шаклҳои асосии масъалаҳои техникӣ; усулҳои асосии эҷодиёти самти техникидошта; коркарди супоришҳои мувофиқ ба низоми омӯзиши мавод; мутобиқати масъалаҳои ба донишҷӯён пешниҳодшаванда вобаста ба сатҳи дониши онҳо;
3. меъёри ташаккули маҳорати касбии донишҷӯён – омӯзгорониояндаи фанни технология (таълими меҳнат) барои ҳосил кардани салоҳияти касбӣва марҳилаҳои он: мушоҳида, таҳлили мувофиқат кардани масъала; пешниҳоди фарзия, ҳосил кардани хулосаҳои назариявию амалӣ; аз назари илмӣ асоснок кардани ақидаҳои пешниҳодшуда ва тарзи ҳалли супоришҳои пешниҳодшуда; усулҳои сохтани амсилаи объекти таҳқиқшаванда;
4. озмоиши педагогӣ, ҷиҳати санҷиши дурустии фарзияи таҳқиқот: истифодаи сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣ; ба нақша гирифтани

самаранокии фаъолияти технологӣ; истифодаи бошууронаи амалиётҳои фикрию эҷодии донишҷӯён дар самти технологӣ; татбиқи донишҳо ва ақидаҳои таълимӣ дар шароити муосир ва таҳлили оморӣ натиҷаҳои бадастомада.

***Аҳамияти назариявии таҳқиқот.*** Натиҷаҳои ҳосилшуда барои рушди ҷанбаҳои назариявии таълими конвергентии фанҳои технологияи касбӣ ва технологияи иттилоотӣ саҳми назаррас мегузорад. Раванди истифодаи таҷҳизоти техникӣ ва модулҳои барномавӣ дар низоми таълими конвергентии технологияи иттилоотӣ ва технологияи касбӣ таҳияшуда, нуқтаҳои асосии илмӣ ва хулосаҳои диссертатсионӣ тавассути усули амсиласозии компютерӣ асоснок гардидааст.

***Аҳамияти амалии таҳқиқот*** аз таҳияи шароит ва меъёрҳои асосӣ барои интихоби мундариҷаи таълими конвергентӣ, таҳияи маводи таълимӣ, таҳияи амсилаи таълимии «Таълими конвергентии технологияи иттилоотӣ ва технологияи касбӣ» барои омӯзгорони ояндаи технология иборат буда ва аз он муассиаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки омӯзгори фанни технология (таълими меҳнат) тайёр мекунанд, истифода бурда метавонанд.

*Марҳилаи якум* (солҳои 2017-2018) – омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ-методӣ, педагогӣ, фалсафӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, корҳои илмии самти техникию технологидошта ба мақсади муайян кардани вазъи масъалаи таҳқиқшаванда ва назарияи таълими конвергентӣ, барномаи таҳқиқот аз фарзияҳо, тарҳрезии барномаи таълимии фан ва объекти таҳқиқот;

*Марҳилаи дуюм*(солҳои 2019-2020) – муайянкунии самти таҳқиқот дар асоси маводи бадастомада, таҳияи тавсияҳои методӣ ва супоришҳои таълими конвергентии технология ва информатика ва истифодаи онҳо дар ҷараёни таълим, тартиб додани барномаҳои таълимию методии ин самти омӯзиш, коркарди маълумотҳои озмоишӣ;

*Марҳилаи сеюм* (солҳои 2021-2022) –гузаронидани озмоиши таҷрибавӣ оид ба азхудкунии таълими конвергентии технология ва информатика дар тайёр намудани омӯзгоронии ояндаи фанни технология (таълими меҳнат) дар асоси супоришҳои таҳияшуда, ба мақсад мувофиқ будани онҳо ҳангоми истифода дар ҷараёни таълими технологияи конвергентӣ, ҳамчунин коркарди маълумотҳои бадастомада ва ҷамъбасти натиҷаи озмоишҳои педагогӣ, нашри мақолаҳо, барасмиятдарории диссертатсияро дарбар мегирад.

***Дар муқаддима*** мубрамияти мавзуъ, дараҷаи пажуҳиши илмии он таҳлил карда шуда, объекту мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои он муайян гардида, асосҳои илмиву методологӣ, арзиши илмиву амалӣ, навгонии илмӣ, инчунин, муҳтавои асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда бо зикри сарчашмаҳо шарҳу тавзеҳ дода шудаанд.

Боби аввали рисола «**Асосҳои методии омодакунии омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат) дар таълими конвергентӣ**» номгузорӣ карда шуда, аз 5 зербоб иборат мебошад. Дар он оид ба таълими конвергентии технологияи касбӣ ва технологияи иттилоотӣ барои тайёр кардани омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат), татбиқи

робитаҳои байнисоҳавии технологияи касбӣ ва технологияи иттилоотӣ, тарбияи сифатҳои ахлоқию меҳнатӣ, фаъолияти кор дар лоиҳаҳои эҷодӣ, заминаҳои ташаккули технологияҳо ва рушди истеҳсолоти муосир, таҳлили корҳои илмии олимон роҷеъ ба масъалаи мазкур маълумот дода шудааст.

Боби дуюми рисола бошад «**Самарабахшии таълими конвергентии технологияи иттилоотӣ ва технологияи касбӣ дар омодакунии омӯзгори фанни технология (таълими меҳнат)**» номгузорӣ карда шуда, аз 3 зербоб иборат мебошад. Дар боби дуюм омадааст, ки асри XXI замони ташаккули технолгияи компютерӣ ба ҳисоб рафта, нақши омӯзгори фанни технология (таълими меҳнат) дар ин раванд куллан тағйир меёбад.

Инчунин, қайд карда мешавад, ки Стандартҳои муосири таълимӣ чунин таҳия гаштаанд, ки бояд ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошанд:

- фаъолияти ташаккулёбандаи таълимӣ ва маърифатии донишҷӯён;
- ташаккул додани омодагии донишҷӯён ба таҳсилоти доимӣ ва рушди эҷодии худ;
- тарҳрезӣ ва лоиҳакашӣ дар системаи таълими муҳити иҷтимоӣ барои рушди донишҷӯён;
- ташкили фаъолияти таълимӣ бо назардошти хусусиятҳои фардии донишҷӯён (физиологӣ, психологӣ ва синнусолӣ).

Имкониятҳои истифодаи ин технологияро шарҳ дода, намунаҳои барномавӣ барои кор бо ин технологияро пешниҳод менамояд ва афзалиятҳою нуқсонҳои онро номбар мекунад.

Бартариятҳои технологиро чунин тавсия мекунанд:

- доираи истифодабарӣ дар фанҳои таълимӣ;
- аёнияти натиҷа;
- тағйироти оддӣ;
- шаффофияти ақида ва чизҳои дигар.

Дар зербоби 3-юми боби 2-юм бо номи «**Натиҷаи озмоиши педагогӣ оид ба ташаккул ва рушди салоҳияти касбӣ зимни ташкили таълими конвергентии технология ва технологияи иттилоотӣ**» талаботҳое пешниҳод шудаанд, ки азхудкунии онро бо ин васила осонтар мегардонад.

Дар асоси ин, барои ташкили раванди мақсадноки таълим, омӯзгори ояндаи фанни технология (таълими меҳнат) бояд бо мафҳуми таълими конвергентӣ шинос гардад.

**Раисикунанда:** маърӯза ба охир расид. Марҳамат, ба маърӯзачӣ чӣ гуна саволҳо ҳаст?

**Муродов Ф.Р.** - номзади илмҳои физика-математика, дотсент, декани факултети "Техникӣ ва технологӣ"- и ДДБ ба номи Носири Хусрав.

- Ҳадафи таҳқиқоти Шумо аз чӣ иборат аст?

Ҳадафи таҳқиқот аз асоснoккунии назариявӣ ва таҳияи усулҳои ташаккули маҳорати касбии омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат) бо истифодаи технологияи муосир иборат мебошад.

**Файзализода Б**.Ф - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, аъзои шӯрои диссертатсионии ДДБ ба номи Н. Хусрав, декани факултети информатика.

- Саволи якум: Шумо дар баъзе ҷойҳо информатика ва дар ҷойҳои дигар технологияи иттилоотиро истифода бурдед, фарқият дар чист?
- Саволи дуюм: Саҳми таълими технологияи конвергентӣ дар замони ҳозира дар чист?

**Маҳмадалиев Э.Ш. Ҷавоб ба саволи якум:** дар марҳилаи аввали кори диссертатсионӣ мафҳуми информатикаро истифода намуда будем, баъдан дар марҳилаҳои қаблӣ ин ба технологияи иттилоотӣ номгузорӣ шуд, ки ҳарду як маъноро дар бар мегирад.

**Ҷавоб ба саволи дуюм:** Воситаи ҷорӣ намудани омӯзиши конвергентии технологияи касбӣ ва технологияи иттилоотӣ дар раванди тайёр кардани омӯзгорони технология дар баробари имкониятҳои компютерӣ аз истифодаи асбобу дастгоҳҳо, мошинаю механизмҳо, таҷҳизотҳои автоматикӣ низ иборат мебошад. Ворид намудани воситаҳои технологияи иттилоотӣ ва иртиботӣ ба раванди таълими конвергентӣ ба омӯзгори технология имкон медиҳад, ки шаклҳои гузаронидани машғулиятҳоро тағйир диҳад, усулҳои баланд бардоштани тафаккури эҷодии хонандагонро васеътар намояд. Дар натиҷа донишҷӯён доираи васеи корбарӣ ва малакаҳоро ба даст оварда, мавзӯъҳои гуногунро ба ҳам мепайвандад. Дар онҳо хислатҳои меҳнатдӯстӣ, қобилияти мустақилона фикр кардану қарор қабул кардан, ба анҷом расондани ғояҳои пешниҳодшуда ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии рақобатпазир пайдо мешавад.

**Абдуллоев С.С.** - номзади илмҳои техникӣ, омӯзгори кафедраи “Сохтмон”-и ДДБ ба номи Носири Хусрав.

- Ҳамгироии истифодаи технологияи иттилоотиро аз технологияи истеҳсолӣ дар чӣ мебинед ?

**Маҳмадалиев Э.** - Бинобар сабаби мавҷуд набудани ягон таҳқиқоти махсуси мукаммал оид ба масъалаи таҳқиқотӣ, мавҷуд набудани маводи таълимию методӣ дар самти технологияи муосир барои донишҷӯёни фанни технология (таълими меҳнат) муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ, мо мавзӯи мазкурро ҳамчун мавзӯи рисолаи номзадӣ интихоб намудем,

**Холов Н.Ш._** - номзади илмҳои техникӣ, мудири кафедраи “Нақлиёти автомобилӣ”-и ДДБ ба номи Носири Хусрав.

- Шумо ҳангоми таҳқиқот аз кадом методҳо истифода кардед?

**Маҳмадалиев** Э.Ш - Ҳангоми иҷрои таҳқиқот аз методҳои назариявӣ (омӯхтан ва таҳлили адабиёти методӣ, психологӣ, педагогӣ оид ба мавзуи таҳқиқот, омӯхтан ва ҷамъбаст кардани таҷрибаи педагогӣ, таҳлили маълумотҳои эмпирикӣ), эмпирикӣ (санҷиш, мушоҳида, мусоҳиба, таҳлили таҷрибаи педагогӣ) истифода бурда шуданд.

**Гулаев И.Х.** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи “Методикаи таълими физика”-и ДДБ ба номи Носири Хусрав.

- Мафҳуми технологияи конвергентиро шарҳ медодед ?

**Маҳмадалиев** Э.Ш - Дар низоми таълими педагогӣ калимаи конвергенсия аз лотинӣ *convergo* «Ман наздиктар мешавам» ҳамчун раванди наздикшавӣ,

шабеҳият ба ягон чиз, ҳамоҳангӣ ва якҷояшавии равандҳои гуногун фаҳмида мешавад. Мо таълими конвергентиро ҳамчун шакли омӯзиши бо ҳам алоқаманди мафҳумҳои фаннӣ, усулҳо ва воситаҳои таълимӣ, ҷузъҳои интихобии нақшавии технология, ҳамгироии фанни технологияи касбӣ ва технологияи иттилоотӣ муайян намудем. Барои татбиқи робитаҳои байнисоҳавии технологияи касбӣ ва технологияи иттилоотӣ, ки дар он ҷо равиши системавии фаъолият дар шинохти воқеият бартарӣ дорад, ба таълими технологияи конвергентӣ равона шудааст.

**Қурбонов Н. С.** саромӯзгори кафедраи «Сохтмони шаҳрвандӣ»
- Оиди дар асл бартари доштани усули технологияи конвергентӣ дар оянда таъғийиротҳои ҷузъӣ дар стандартҳои ихтисосӣ ва нақшаҳои таълимии самти технология дида мешавад?

**Маҳмадалиев** Э.Ш - Бо назардошти гуфтаҳои боло ва таҳлили корҳои илмӣ-методӣ дар шароити воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон мо таълими конвергентиро дар низоми таълим ба тариқи зайл муайян намудем:

- омӯхтани усулҳо, воситаҳои коркард, мубодила, истеҳсол, интиқол ва нигоҳдории иттилоот бо истифодаи дастгоҳҳои автоматикунонидашуда, инчунин дар асоси усулҳои анъанавӣ бо ашёи моддӣ (коғаз, матоъ, чӯб, металл ва ғ.) ва маводҳои электронӣ (парванда, ҷузвдон, барномаҳои амалӣ, бастаи барномаҳои махсус ва ғ.);
- ба рушди фаъолияти тағйирёбандаи технологии донишҷӯён нигаронида шудааст.

Ҳамин тариқ, баҳри омода намудани омӯзгорониояндаи фанни технология дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мо таҳияи барномаи таълими конвергентии технология ва информатикаро бо исифодаи маълумот ва адабиёт асоснок карда, онро дар шакли зайл (назариявӣ, методӣ, барномавӣ-технологӣ) баррасӣ намудем.

**Раис:** Инак, агар дигар саволҳо набошанд, ба муҳокимаи рисола мегузарем. Сухан ба номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи “Методикаи таълими технология”-и ДДБ ба номи Носири Хусрав Алламуродов Б. дода мешавад.

**Алламуродов Б.** - Рисолаи диссертатсионии Маҳмадалиев Эраҷ Шукурллоевич дар мавзӯи «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорониояндаи фанни технология (таълими меҳнат)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогика бо ихтисоси 13.00.08 пешниҳод шудааст, масъалаҳои мубрами рӯзро дар соҳаи технологияҳои муосир дарбар мегирад. Мубрамият ва замонавӣ будани мавзӯи таҳқиқот аз он аён мегардад, ки то имрӯз ягон таҳқиқоти махсуси мукаммал оид ба масъалаи таҳқиқоти зикршуда дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби олимону муҳаққиқон гузаронида нашудааст.

Унвонҷӯ дуруст қайд менамояд, ки азхудкунии таълими технологияи конвергентӣ барои ташаккул додани методҳои педагогӣ аҳамияти калон дорад. Умуман, рисолаи таҳқиқотии Маҳмадалиев Эраҷ Шукурллоевич дар мавзӯи зикршуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад. Бинобар ин, муаллифи рисола сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08- назария ва методикаи таҳсили касбӣ (технология (муаллими меҳнат) таҳсилоти олии касбӣ) мебошад. Гуфтаҳои болоро ба инобат гирифта, рисолаи мазкурро барои ҳимоя пешниҳод менамоям.

**Раисикунанда:** Сухан ба роҳбари илмии унвонҷӯ, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» Сатторов Абдурасул Эшбекович дода мешавад.

**Сатторов А.Э.**: мавзӯи рисолаи мазкур мубрам буда оид ба истифодабарии технологияи муосир ҳангоми омодакунии омӯзгори ояндаи фанни технология (таълими меҳнат) алоқаманд мебошад. Дар ҳақиқат, солҳои охир техника ва технология, инчунин дар истеҳсолот асбобу лавозимоти муосир ба тарзи васеъ татбиқ мегардад ва омодакунии мутахасисон дар ин самт пеш аз ҳама аз омӯзгори фанни технология вобастагии калон дорад.

Рисолаи номзадии Маҳмадалиев Э. Ш. «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат)» ба яке аз масъалаҳои муҳими методикаи таълими фанни технологияи муосир бахшида шудааст. Масъалаи истифодаи донишҳои техникӣ-технологӣ дар омода намудани омӯзгори фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ масъалаи муҳим аст. Мушоҳида ва таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки аз тарафи омӯзгорон надонистани технологияҳои коркард, дуруст арзёбӣ накардани мафҳумҳои он дар баланд бардоштани маҳорати касбӣ монеаи ҷиддиро ба вуҷуд меорад. Ман бо боварӣ гуфта метавонам, ки рисолаи ба ҳимоя пешниҳодкардаи Маҳмадалиев Э. Ш. оғози таҳқиқоти ҷиддии ӯ дар соҳаи педагогика, хусусан методикаи таълими технология ба шумор рафта, ӯ метавонад таҳқиқоти худро идома дода ба муваффақиятҳои бештаре соҳиб шавад.

Рисолаи илмии Маҳмадалиев Э.Ш. таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи арзиши назариявӣ ва амалӣ ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисосӣ 13.00.08- назария ва методикаи таҳсили касбӣ (технология (муаллими меҳнат) таҳсилоти олии касбӣ) мебошад.

**Раис:**Ташаккур. Ба муҳокимаи кори диссертатсионӣ мегузарем. Сухан ба муқарриз **Зувайдуллозода Ф.З -** номзади илмҳои педагогӣ, муовини ректор оид ба таълим, идораи сифати таҳсилот ва мобилияти академии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дода мешавад.

**Зувайдуллозода Ф.З.** дар маърӯзаи худ оид ба муҳиммият, самтҳои таҳқиқот, афзалият ва камбудиҳои он сухан ронда дар охир хулосаҳои худро пешниҳод намуд (тақриз замима мегардад).

**Раис:** Сухан ба унвонҷӯ Маҳмадалиев Э. Ш. барои посух додан ба эродҳои муқарриз дода мешавад.

**Маҳмадалиев Э. Ш.** Муҳтарам раис, иҷозат диҳед, миннатдории хешро ба муқарриз, номзади илмҳои педагогӣ Зувайдуллозода Ф.З. барои баҳодиҳии холисона ба кори диссертатсионӣ, баён намоям. Инчунин мехостам доир ба баъзе эродҳои ӯ фикри худро баён намоям:

**Нисбати эроди муқарриз,** баъзе хатоиҳои имлоие, ки дар кор вуҷуд доранд, ислоҳ ва бартараф карда шуданд.

**Раис:** Ташаккур. Сухан ба муқарризи дуюм - номзадии илмҳои техникӣ, мудири кафедраи физикаи умумӣ ва электроникаи Донишгоҳи давлатии Данғара, дотсент Ризоев Сироҷиддин Ғуломович

**Ризоев С. Ғ.** дар маърӯзаи худ оид ба муҳиммият, самтҳои таҳқиқот, афзалият ва камбудиҳои он сухан ронда, дар охир хулосаҳои худро пешниҳод намуд (тақриз замима мегардад).

**Раис:** Сухан ба унвонҷӯ Маҳмадалиев Э. Ш. барои посух додан ба эродҳои муқарриз дода мешавад.

**Маҳмадалиев Э. Ш.**

Муҳтарам раис, иҷозат диҳед миннатдории хешро ба муқарриз номзади илмҳои техникӣ Ризоев С.Ғ. барои баҳодиҳии холисона ба кори диссертатсионӣ, баён намоям.

**Раис.** Ба муҳокимаи масъала мегузарем. Марҳамат, кӣ баромад кардан мехоҳад?

**Дар муҳокимаи кори диссертатсионӣ иштирок намуданд:**

Файзализода Б. Ф. - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, декани факултети «Информатика»; Гулаев И.Х. - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи «Методикаи таълими физика», Муродзода Ф.Р. - номзади илмҳои физика-математика, дотсент, декани факултети «Техникӣ ва технологӣ», Абдуллоев С.С. - номзади илмҳои техникӣ, омӯзгори кафедраи «Сохтмони шаҳрвандӣ», Қурбонов Н. С. саромӯзгори кафедраи «Сохтмони шаҳрвандӣ», Алламуродов Б.Н. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи «Методикаи таълими технология» - и ДДБ ба номи Носири Хусрав, ки дар баромадҳои худ оид ба рӯзмаррагии мавзуи таҳқиқот, сатҳи илмии он, навовариҳои илмии он, аҳамияти амалӣ, саҳми унвонҷӯ дар коркарди масъалаҳои назариявии таҳқиқот ва ғайра сухан ронда, аз ҷумла қайд намуданд, ки дар маҷмуъ диссертатсия ба талаботи нисбат ба корҳои диссертатсионӣ пешниҳодшаванда ҷавобгӯ буда, он дорои маълумоти хусусияти илмӣ-амалӣ мебошад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Маҳмадалиев Э. Ш. дар мавзӯи «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат)», аз рӯи ҳаҷми маводҳои назарияви ва амалӣ, моҳият ва аҳмияти натиҷаҳо ба ҳамаи талаботҳои КОА-и назди Президенти ҶТ, барои ҳимояи диссертатсияи номзади аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ пешниҳод гардидааст, ба итмомрасида ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Маҳмадалиев Э.Ш. дар мавзӯи «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ барои баррасӣ ва ҳимоя бо дарназардоштиислоҳи камбудиҳои ошкоргардида ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-046-и назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласаи васеъи Шӯрои олимони факултети техникӣ ва технологии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (протоколи №2, аз 28.09.2022 с.) 37 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода: тарафдор 37 нафар, зид нест, бетараф нест.

Раиси Шурои олимони факултети
техникӣ ва технологии ДДБ ба номи
Носири Хусрав н.и.ф-м., дотсент — Муродзода Ф.Р.

Котиби илмии Шурои олимони факултети
техникӣ ва технологии ДДБ ба номи
Носири Хусрав, — Муродов С.Д.

Имзои Муродзода Ф.Р. ва Муродов С.Д.-ро
тасдиқ мекунам, омӯзгор
Сардори ШК ва корҳои махсуси
МДТ "ДДБ ба номи Носири Хусрав"
аз 26 ноябри 2022 с. — Шукурзод Ҷ.А.